**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Умаров Зуҳриддин Тоштемирович дар мавзуи «Пайдоиш ва ташаккули нашриёҳои даврии ӯзбекзабон дар Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ**

Мавзуи диссертатсияи номзадии Умаров Зуҳриддин Тоштемирович ба масъалаи муҳимми рӯзноманигорӣ, бахусус омӯзиш ва таҳқиқи нашриёҳои даврии ӯзбекзабони Тоҷикистон бахшида шудааст, ки дар замони рушди муносибатҳо ва робитаҳои гуногунҷанбаи мутақобилан судманди кишварҳо мубрам ва саривақтӣ мебошад.

Мусаллам аст, ки таърихи робитаҳои дӯстӣ ва бародарии мардумони тоҷику ӯзбек ба умқи таърих мерасад. Дар давоми қарнҳо ин ду халқ дар тамоми самтҳо муносибати ҳасана доштанд. Бо пайдо шудани самти нави фаъолияти ҷомеа – матбуот робитаҳо боз ҳам мустаҳкам гардиданд, зеро талошҳо барои таъсиси рӯзномаву маҷаллаҳо бо забонҳои миллӣ қариб дар як вақт ба вуҷуд омаданд ва намояндагони ин халқҳо дар ин ҷода низ ҳамкорӣ ва ташаббусҳои ҳамдигарро дастгирӣ карданд.

Тавре аз автореферат маълум мешавад, диссертант ба ин паҳлӯ низ таваҷҷуҳ зоҳир карда, дар баробари назари муҳаққиқон андешаҳои худро низ иброз доштааст. Ҳамчунин муаллифи диссертатсия дар баробари муҳаққиқони тоҷику рус, ба асарҳои илмии олимони ӯзбек, аз қабили Т.Эрназаров, Н.Абдуазизова, Ф.Муминов, А.Нурматов, Б.Дӯстқораев, Б.Алимов такя ва аз онҳо иқтибосҳо овардааст, ки бо ин ҳусни кор боз ҳам беҳтар шудааст.

Мақсади асосии диссертатсия омӯзиш ва таҳқиқи заминаҳои пайдоиш ва марҳилаҳои ташаккули нашриёҳои ӯзбекзабони Тоҷикистон мебошад, ки барои ин диссертант вазифаҳои мушаххасро тартиб додааст.

Диссертант дар автореферат заминаҳо ва омилҳои асосии таъсиси нашрияҳои дузабона ва ӯзбекзабонро аз лиҳози муҳити сиёсӣ ва иҷтимоии замон асоснок намудааст. Аз аввалин рӯзномаҳои ӯзбекӣ ёдовар шудани диссертант пайвастагии мантиқии рисоларо пурқувват кардааст.

Аз автореферат маълум мешавад, ки нашрияҳои ӯзбекзабони Тоҷикистон дар инъикоси ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистон саҳми бориз дошта, дар мубориза ҳои иттилоотӣ ва ҳимояи манфиатҳои милливу давлатӣ фаъолона иштирок доштааст. Ҳамчунин, дар тарғиби дӯстии халқҳои тоҷику ӯзбек пешсаф будааст. Мавзуъ ва жанрҳои нашрияҳо низ дар алоҳидагӣ таҳқиқ шудааст, ки барои муайянсозии бештари хусусиятҳои рӯзномаву маҷаллаҳо хидмат кардааст.

Чуноне аз автореферат маълум мешавад, аввалин рӯзнома бо забони ӯзбекӣ дар Тоҷикистон соли 1929 бо номи «Қизил Тожикистон» таъсис ёфтааст. Ин рӯзнома дар замони Шуравӣ дар Ӯзбекистон низ маълуму машҳур буд. Дар баробари ин доир ба рӯзномаҳои «Суғд ҳақиқати» ва «Дӯстлик» низ таҳқиқ анҷом ёфтааст, ки барои пурарзиш гардидани диссертатсия мусоидат намудааст.

Нашрияҳои ӯзбекзабони замони Истиқлолиятро гурӯҳбандӣ намуда, дар бораи рӯзномаву маҷаллаҳои «Ҳақ сӯз», «Қадрият», «Маънавият», «Элчи», «Нафосат», «Осиё», «Шарқнома», «Замондош», «Устоз», «Ӯқувчилар газетаси», «Кичкинтой» маълумотҳои нави илмӣ овардани диссертант барои фаҳмидани таъйинот, хусусият, шакл ва мундариҷаи онҳо хидмат менамояд.

Дар замони рушди муносибатҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон омӯзиш ва таҳқиқи илмии инъикоси он дар саҳифаҳои матбуот, бахусус дар нашрияҳои ӯзбекзабони Тоҷикистон саривақтӣ аст. Диссертант зимни омӯзиш жанрҳои ҳар як маводро таҳқиқ намудааст, ки аз зарфияти илмии муҳаққиқ дарак медиҳад. Дар ин кор таҷрибаи амалии муаллифи

диссертатсия, ки бевосита дар рӯзномаи ӯзбекзабон фаъолият менамояд, мусоидат намудааст.

Аз автореферат маълум мешавад, ки ҷустуҷуҳои илмӣ, таҳлил, баррасӣ, хулосаҳо ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо, аз сарчашмаҳои илмӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва маводи нашрияҳо истифода кардан аз камолоти илмии диссертант дарак дода, гувоҳи он аст, ки муаллиф дар ноил шудан ба иҷрои вазифаҳои таҳқиқ муваффақ шудааст.

Автореферат мутобиқи тартиби омодасозии муайяннамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, аз нигоҳи мубрамии мавзу, сохт ва муҳтаво ҷанбаи баланди илмӣ дорад. Дар он муқаддима ва хулосаи диссертатсия айнан оварда шудааст ва бобу фаслҳои диссертатсия мушахассан шарҳу тавзеҳ ёфтаанд, ки ба ҳам пайвастагии мантиқӣ доранд.

Дар маҷмуъ таҳқиқоти Умаров Зуҳриддин Тоштемировичро дастоварди илмӣ номидан мумкин аст. Маводи аз диссертатсия ба даст омадаро метавон дар таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ доир ба таърихи нашрияҳои ӯзбекзабони Тоҷикистон ва матни курсҳои махсус оид ба матбуоти ӯзбекзабони кишварҳои хориҷӣ барои донишҷӯёни факултетҳои журналистикаи донишгоҳҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон истифода кард.

Сарфи назар аз арзиши баланди илмӣ дар автореферат баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд. Аз ҷумла:

1. Дар қисмати омӯзиши таърихи нашрияҳо аз олимони ватанӣ ва хориҷӣ иқтибосҳо оварда шудааст, вале дар таҳлили жанрӣ ва мавзуии нашрияҳо аз андешаҳои муҳаққиқони ӯзбек кам истифода шудааст;

2. Инъикоси мавзуи дӯстии халқҳои тоҷику ӯзбек дар нашрияҳои ӯзбекзабони Тоҷикистон ва тоҷикзабони Ӯзбекистон муқоиса карда мешуд, боз ҳам беҳтар мебуд.

Бо вуҷуди ин автореферати диссертатсияи Умаров Зуҳриддин Тоштемирович дар мавзуи «Пайдоиш ва ташаккули нашрияҳои даврии ӯзбекзабон дар Тоҷикистон» бо муҳиммият, навгонии илмӣ, усули таҳқиқу таҳлил, аҳаммияти назарию амалӣ ва сохтори илмиаш ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти унвони номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ сазовор аст.

**Муқарриз:**

номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи журналистикаи аудиовизуалӣ ва
интернетии факултети журналистикаи
Донишгоҳи миллии Ӯзбекистон
ба номи Мирзо Улуғбек Ибрагимов Ш.М.
«13» 03 соли 2024

Суроға: 100174, Ҷумҳурии Ӯзбекистон,
шаҳри Тошкент, кӯчаи Университет, 4.
Тел: +998 946706428
E-mail: ibragimov_shavkat@inbox.ru

Имзои Ибрагимов Шавкат Муминовичро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои
Донишгоҳи миллии Ӯзбекистон
ба номи Мирзо Улуғбек Тураев Б.

Суроға: 100174, Ҷумҳурии Ӯзбекистон,
шаҳри Тошкент, кӯчаи Университет, 4.
Тел: +998 712465417
E-mail: devonxona@nuu.uz
«13» 03 соли 2024